# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «**Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар ичрои вазифаҳои таълими фанни химия**» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Дар идоракунии илм ва маориф дар солҳои соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои сифати нави таълимт ба миён омаданд. Айни замон вазифаи таълим аз додани ҳачми муайяни илм қобилияту малака, мустақилона чустани дониш, дарёфти ҳақиқат ба хонандагон, ташаккул ва рушди фаъолияти эчодии онҳо иборат мебошад.

Фанни химия дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун фанни таълим барои пешрафти илм имкониятҳои зиёд дорад, ки онҳоро аз худ намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва тарзи илмии маърифат истифода бурдан мумкин аст. Методҳои таълими анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар хотири хонандагон ҳангоми таълими фанни химия яке аз вазифаҳои асосии рафти фаъолияти таълимӣ-маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст:

-мазмуни мафҳуми «анъанавӣ» ва «ғайрианъанавӣ»-и методҳои таълим ва тарбия дида баромада ва аниқ карда шуд;

-имконияти дар дарсҳои химия истифода бурдани методҳои тарбия ва истифода кардани методҳои таълими фанни химия дар раванди тарбия муайян карда шуд;

- системаи педагогии дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми омӯзиши фанни химия, ки ба ҳалли масъалаҳои рушди хонандагон таваччуҳ доранд, кор карда шуд;

- усулҳои самараноки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, аҳамияти истифодаи

маҷмӯи барои иҷрои вазифаҳои таълимии курси химия муайян ва асоснок карда шуд;

- дар интихоби муътадили методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таълим ва тарбия барои ташкили раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

-дар коркарди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони фанни химия оид ба истифодаи системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, натиҷаҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва масъалаҳо муайян гардида, фарзияи таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмӣ, марҳилаҳои таҳқиқот пешниҳод шуда, аҳамияти амалии автореферати диссертатсия, мафҳумҳои заминавӣ асоснок гардонида, маълумот оид ба озмоиши натиҷаҳо, сохтори автореферати диссертатсияи илмӣ ба ҳимоя бароварда шудааст.

Боби якум, бо унвони "Ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбия дар ҷараёни омӯзиши химия" аз чор зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал, раванди асосҳои назариявӣ ва методологии методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар методикаи таълими химия таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюм- "**Истифодаи босалоҳияти имконияти методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия**"- раванди таълими химия асоснок гардонида шудааст.

Дар зербоби сеюм "**Нақши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим дар ҳалли босалоҳояти вазифаҳои тарбиявӣ**" – дарсҳои химия̆ баррасӣ карда шудааст. Дар зербоби чорум "**Фаъолгардонии ҷанбаҳои тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни таълими босалоҳияти химия**"- муҳокима гардидаанд.

Боби дуюм- "Истифодаи системаи ҳамбастагии методҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии курси химия" аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум, масъалаҳои тавсифи ҳамбастагии методҳои

анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюм, “Татбиқи амалии системаи методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар раванди омӯзиши химия баррасӣ гардидааст.

Дар боби 3-юм- “Омӯзиш дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми ташаккули раванди таълим аз фанни химия” таҳлили натиҷаи таҳқиқ дар давраи муқарраркунии озмоиши педагогӣ ба анҷом расонидааст.

Дар асоси натиҷаҳо аз таҳқиқоти бадастомада муаллиф чунин тавсия медиҳад, ки:

1. Имкониятҳои истифодаи методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди таълиму тарбия, методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар таълими химия ва методикаи таълими химия пурра дида баромада нашудааст ва таҳқиқи фаъолро талаб дорад.
2. Таҳлили нуқтаи назари муаллифони гуногун, асосҳои назариявии проблема дар маҷмӯъ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар методикаи таълими химия, барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, ки консепсияи ҳозираи таълим мегузорад, истифода бурдан мумкин аст.
3. Меъёрҳои пешниҳодшударо ба сифати баҳодиҳӣ барои муайян кардани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ истифода кардан мувофиқи мақсад аст.
4. Интихоби онҳоро бояд ба ихтиёри муаллими химия гузорем, то ин ки худаш шахсан бо назардошти шароити корӣ интихоб намояд.
5. Зарурати боз ҳам беҳтар ва мустаҳкам намудани ҷанбаҳои тарбиявии дарсҳои химия, ба рушди шахсият равона кардани онҳо пеш омадааст.
6. Босифат ҳал намудани вазифаҳои таълимӣ бо роҳи интихоби чунин методҳо муяссар мегардад.

Мазмун ва муҳтавои афтореферат,мақолаҳои илмии дар нашриҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамояд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «**Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

и.в.дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва таҳлилии ДТМИК, н.и.т. Кучаров М.С.

Имзои номзади илми техникӣ Кучарос М.С. ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳова коргузорӣ: Шокиров Қ. Б